«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро
__________ К. Гулмуродзода

Протоколи №2
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 26 майи соли 2023 Шаҳри Душанбе

Раисикунанда, Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ТШСИ) - Гулмуродзода К. Г.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро), намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва захираҳои об, Кумита давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кормандони Котиботи ТШСИ, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Баррасии лоиҳаи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021
2. Масъалаҳои ҷорӣ

Ҷаласаро Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода К. Г. (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз карда, қайд кард, ки дар ҷаласаи имрӯза асосан як масъала, яъне лоиҳаи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 (Ҳисоботи ТШСИ) мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Тавре маълум аст, тибқи банди 3 Низомномаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумакти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 тасдиқ шудааст, ба вазифаҳои асосии Шӯро ин баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи ҳисоботи ҷамъбастии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ барои интишори он дохил мешавад.

Дар ин раванд Раиси Шӯро иброз намуданд, ки бо мақсади татбиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ», ҳамзамон иҷроиши стандарт ва талаботҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ва Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 тибқи тартиби

муқарраргардида аз ҷониби ҶДММ «ЭКОВИС» лоиҳаи Ҳисоботи ҷамъбасти ТШСИ барои солҳои 2019-2021 омода карда шудааст.

Сипас оид ба масъалаи асосии рӯзномаи ҷаласа коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. баромад намуда, лоиҳаи Ҳисоботи ТШСИ ва маълумоти заруриро оид ба он манзури Шӯро кард.

Нигматов Ҷ. дар баромади худ қайд кард, ки тибқи қарорҳои ҷаласаҳои қаблии Шӯрои ТШСИ корҳои иҷрошуда ва лоиҳаи Ҳисоботи ТШСИ, бинобар сабаби ҳаҷман калон буданашон мунтазам дар ҷаласаҳои Шӯро баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор нисбати онҳо қабул карда мешаванд.

Айни замон таҳияи лоиҳаи Ҳисоботи мазкур, ки ҳанӯз аз моҳи январи соли 2023 аз ҷониби ҶДММ «ЭКОВИС» оғоз гардида буд, ба анҷом расонида шудааст.

ҶДММ «ЭКОВИС» омӯзиши фарогирӣ (scoping study)-ро анҷом ва «ҳадди муҳимият»-ро муайян намуд, ки тибқи он шумораи ширкатҳое, ки дар Ҳисоботи ТШСИ иштирок мекунанд, муқаррар мекунад.

Ӯ зикр кард, ки дар раванди таҳияи Ҳисоботи ТШСИ баъзе мушкилот, аз ҷумла дар пешниҳоди маълумот аз ширкатҳои истихроҷкунанда, ки бояд то 5 апрели соли 2023 анҷом дода мешуд, ба миён омад.

Бо мақсади аз байн бурдани мушкилиҳо дар ин самт, тавре маълум аст, дар ҷараёни ташриф овардани намояндагони Котиботи байналмилалии ТШСИ барои ширкатҳои истихроҷкунанда оид ба тарзи дурусти пур кардани варақаи ҳисоботӣ тренинг баргузор гардид. Дар омӯзиш зиёда аз 20 корхона фаъолона иштирок карданд.

Дар раванди баромад коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. ҳамаи паҳлӯҳо вобаста ба интихоби ширкатҳо барои иштирок дар таҳияи лоиҳаи Ҳисоботи ТШСИ қайд намуда, дар як вақт нишондиҳандаҳои марбут ба масъалаи матраҳшавандаро пешниҳоди аъзои Шӯро кард. Ҳамзамон дар ин ҷараён лоиҳаи Ҳисоботи ТШСИ ба аъзои Шӯро пешниҳод гардид.

Дар баррасии масъалаҳои матраҳшаванда ва лоиҳаи Ҳисоботи ТШСИ намояндагони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо – Юнусов И.М., энергетика ва захираҳои об - Неъматов Ш., ширкатҳои истихроҷкунанда – Кирилова Т.Ф. ва намояндагони Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» – Азизова Т. баромад намуда, фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Ҳамоҳангсози миллии ТШСИ-и Тоҷикистон – Яздонзода И.Ҳ. баромад намуда, қайд кард, ки дар ҳисоботи мазкур маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳо ва сангҳои қиматнок барои солҳои 2019-2021, ки яке аз талаботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ мебошад, қайд нагардидааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи қарори қаблии Шӯрои ТШСИ аз 17 марти соли 2023 лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайримахфӣ гардонидани маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳо ва сангҳои қиматнок барои солҳои 2019-2021» тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Бинобар ин танҳо пас аз қабул гардидани лоиҳаи фармони мазкур маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳо ва сангҳои қиматнок барои солҳои 2019-2021 метавонад дар Ҳисоботи ТШСИ қайд карда шавад.

Аъзои Шӯро ақидаи Яздонзода И.Ҳ.-ро ҷонибдорӣ карда, қайд намуданд, ки баҳри риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълумоти мазкур танҳо пас аз қабули лоиҳаи фармони номбурда дар ҳисоботи ТШСИ ҷойгир карда шавад.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Шӯро қарорҳои зеринро қабул кард:

1. Гузориши коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. оид ба лоиҳаи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 ба инобат гирифта шавад.

2. Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 дар маҷмӯъ маъқул дониста шуда, барои интишор тасдиқ карда шавад.

3. Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021-ро то 1 июни соли 2023 ба Котиботи байналмилалии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ пешниҳод намояд.

4. Пас аз қабул гардидани лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайримахфӣ гардонидани маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳо ва сангҳои қиматнок барои солҳои 2019-2021» Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 такмил ва дар он маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳо ва сангҳои қиматнок барои солҳои 2019-2021 ҷойгир карда шавад.

Котиби ҷаласаи Шӯро,
муовини сардори сарраёсати сиёсати
буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ҳамоҳангсози миллии ТШСИ дар Тоҷикистон — И. Яздонзода